ТАҚРИЗ

ба автореферат ва диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи "Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ))

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:

Мавзуъ, мақсад, вазифаҳо ва муҳтавои диссертатсия ба талаботи шиносномаи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) мувофиқат менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқот ба масъалаҳои назария ва методикаи таълими забони англисӣ, такмили шаклу усул ва технологияҳои таълим, инчунин муайян намудани роҳҳои баланд бардоштани самаранокии раванди таълими забони хориҷӣ алоқаманд мебошанд.

Мубрам будани мавзуи диссертатсия:

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла сиёсат, иқтисод, иҷтимоиёт, илм, фарҳанг ва маориф заминаи мусоид фароҳам овард. Дар шароити муосири рушди ҷомеа омода намудани мутахассисони баландихтисос, рақобатпазир ва дорои қобилияти мутобиқ шудан ба талаботи тағйирёбандаи бозори меҳнат яке аз вазифаҳои муҳимми низоми таҳсилот ба ҳисоб меравад.

Равандҳои ҷаҳонишавӣ, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва афзоиши мубодилаи илмию фарҳангӣ талаботро нисбат ба сатҳи омодагии касбии мутахассисон боз ҳам баландтар мегардонанд. Дар чунин шароит донистани забонҳои хориҷӣ, бахусус забони англисӣ, ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми дастрасӣ ба иттилооти илмӣ, муошарати байналмилалӣ, табодули таҷриба ва густариши имкониятҳои таҳсилу фаъолияти касбӣ аҳаммияти махсус пайдо менамояд.

Тавре муаллифи диссертатсия Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ қайд кардааст, забони англисӣ дар замони муосир дар ҳамаи самтҳо – соҳаҳои илм, технология, иқтисод, фарҳанг ва муносибатҳои байналмилалӣ ба таври васеъ истифода гардида, барои мутахассисон имконияти дастрасӣ ба манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ ва илмиро фароҳам меорад. Аз ин лиҳоз, баланд бардоштани сифати таълими забони англисӣ ва ҷустуҷӯи роҳу усулҳои самарабахши ташаккули салоҳияти забонии хонандагону донишҷӯён яке аз масъалаҳои муҳимми низоми муосири маориф маҳсуб меёбад.

«Дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забонҳои русӣ ва англисӣ, таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Ҳадафи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ то соли 2030», ки аз муайян кардани мушкилоти таълими ин ду забон, дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо ва фароҳам овардани шароит барои таҳсилоти бисёрфарҳангӣ ва бисёрзабона нигаронида шудааст, маҳз зарурати такмили мазмун, шакл, усул ва технологияҳои таълими забонҳои хориҷиро ба миён оварда, аз масъулини муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон тақозо менамояд, ки раванди таълимро бо дарназардошти талаботи замони муосир ва дастовардҳои илмҳои педагогика, психология, дидактика ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ ташкил намоянд.

Муаллифи диссертатсия иброз медорад, ки дар шароити рушди босуръати илму технология ва афзоиши манбаъҳои иттилоотӣ истифодаи танҳо шаклу усулҳои анъанавии таълим барои ҳалли тамоми вазифаҳои таълими забони хориҷӣ кофӣ буда наметавонад. Рушди назария ва амалияи таълими забонҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки самаранокии раванди таълим ба тарзи ташкил ва пешниҳоди маводи таълимӣ, дараҷаи иштироки фаъоли таълимгирандагон, ангезаи онҳо ба омӯзиш ва истифодаи усулу воситаҳои мувофиқи педагогӣ вобаста мебошад. Аз ҳамин ҷиҳат, дар методикаи муосири таълими забонҳои

хориҷӣ ба усулҳои ҳамфаъол, технологияҳои инноватсионӣ ва шаклҳои фаъолгардонандаи фаъолияти таълимӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардад. Чунин воситаҳо метавонанд ба баланд гардидани фаъолият, мустақилият ва ангезаи таълимгирандагон мусоидат намуда, барои ташаккули малакаҳои тафаҳҳум, гуфтор, хондан ва навиштан шароити бештар фароҳам оваранд.

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки яке аз воситаҳои муҳимми фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ ва баланд бардоштани шавқу ҳаваси хонандагону донишҷӯён истифодаи бозиҳои дидактикӣ ба шумор меравад. Бозиҳои дидактикӣ дар сурати интихоби мақсаднок ва истифодаи методии дуруст метавонанд муҳити таълимиро фаъолу ҷолиб гардонида, ба таҳкими салоҳиятҳои забониву муоширатии таълимгирандагон мусоидат намоянд.

Дар низоми усул ва воситаҳои фаъоли таълим бозиҳои дидактикӣ мавқеи махсус дошта, истифодаи мақсадноки онҳо метавонад ба фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагону донишҷӯён мусоидат намояд. Имкониятҳои таълимӣ, инкишофдиҳанда ва ҳавасмандгардонии бозӣ барои он замина фароҳам меоранд, ки раванди азхудкунии забони хориҷӣ дар муҳити фаъол, муоширатӣ ва ба вазъиятҳои воқеии истифодаи забон наздик ташкил карда шавад.

Тавре педагог ва психологҳо иброз намудаанд, бозӣ яке аз шаклҳои муҳимми фаъолияти инсон буда, дар раванди ташаккул ва рушди шахсият мавқеи муайян дорад. Аз ин рӯ имкониятҳои педагогӣ ва психологии фаъолияти бозӣ аз ҷониби муҳаққиқони соҳаҳои педагогика, психология ва методикаи таълим мавриди омӯзиш қарор гирифта, роҳу усулҳои истифодаи он дар марҳилаҳои гуногуни таълим пешниҳод гардидаанд. Дар таҳқиқоти онҳо бозиҳои дидактикӣ ҳамчун воситаи фаъолгардонии раванди таълим барои ташаккули ангезаи омӯзишӣ, рушди фаъолияти маърифатӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид

барои азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳо аҳаммияти махсус пайдо мекунанд.

Муаллифи диссертатсия Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ тазаккур медиҳад, ки арзиши дидактикии бозӣ, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки иҷрои вазифаҳои таълимӣ бо фаъолияти шавқовар, ҳамкорӣ, рақобати солим ва муошират фаъол пайваст карда мешавад. Бо шарти дуруст ташкил намудани фаъолияти бозӣ таълимгирандагон имконият пайдо мекунанд, ки маводи луғавӣ, грамматикӣ ва фонетикиро дар вазъиятҳои гуногуни таълимию муоширатӣ истифода баранд. Ин раванд метавонад ба коҳиш ёфтани монеаҳои психологӣ, баланд гардидани шавқу ҳавас ба омӯзиши забон ва ташаккули омодагӣ ба истифодаи амалии забони англисӣ мусоидат намояд. Зеро якрангӣ ва бартарии фаъолияти ғайрифаъоли таълимгирандагон метавонанд боиси коҳиш ёфтани таваҷҷуҳ ва ангезаи омӯзишӣ гарданд. Аз ин рӯ, истифодаи шаклу усулҳое, ки фаъолияти мустақилона, ҳамкорӣ, муошират ва иштироки фаъоли хонандагону донишҷӯёнро таъмин менамоянд, аҳаммияти махсус дорад.

Дар диссертатсия дуруст қайд гардидааст, ки бозиҳои дидактикиро вобаста ба мақсад, мазмун, марҳилаи таълим, сатҳи омодагии забонӣ ва хусусиятҳои синнусолии таълимгирандагон дар зинаҳои гуногуни омӯзиши забони англисӣ бояд истифода намуд. Дар ин маврид интихоби навъи бозӣ, муайян намудани ҳадафи дидактикии он, таносуби фаъолияти бозӣ ва вазифаи таълимӣ, инчунин идора ва арзёбии натиҷаҳои он аҳаммияти муҳим доранд. Бинобар ин, самаранокии бозии дидактикӣ аз асоснокии методӣ ва мутобиқати он ба мақсаду вазифаҳои мушаххаси таълим вобаста мебошад.

Диссертант Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ адабиёти илмӣ-методӣ, таҷрибаи педагогӣ ва вазъи амалии таълими забони англисиро таҳлил намуда, иброз медорад, ки дар самти истифодаи бозиҳои дидактикӣ як қатор масъалаҳои назариявӣ ва методӣ ҳанӯз ҳалли

мукаммали худро наёфтаанд ва дар ин замина, ихтилофоти асосии таҳқиқот байни нуктаҳои зерин муайян карда шуданд:

– талаботи рӯзафзуни ҷомеа ва низоми таҳсилот ба баланд бардоштани сифату самаранокии таълими забони англисӣ ва нокифоя будани истифодаи имкониятҳои дидактикии фаъолияти бозӣ дар раванди таълим;

– имкониятҳои васеи педагогӣ, психологӣ ва дидактикии бозиҳои дидактикӣ дар фаъолгардонии фаъолияти нутқӣ, ташаккули ангезаи омӯзишиву рушди малакаҳои муоширатии таълимгирандагон ва то сатҳи кифоя таҳия нагардидани асосҳои назариявию методологии истифодаи мақсаднок ва низомноки онҳо;

– зарурати истифодаи бозиҳои дидактикӣ ҳамчун воситаи фароҳам овардани муҳити наздик ба муоширати воқеӣ ва мавҷуд набудани низоми мукаммали аз ҷиҳати илмӣ асосноки интихоб, гурӯҳбандӣ ва татбиқи онҳо дар раванди таълими забони англисӣ;

– зарурати мутобиқ намудани бозиҳои дидактикӣ ба мақсад, мазмун, сатҳи омодагии забонӣ, хусусиятҳои синнусолӣ ва марҳилаҳои таълим ва ба таври нокифоя муайян гардидани меъёрҳо, принсипҳо ва шароитҳои педагогии интихоби онҳо ва ғайра.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия ихтилофоти номбаршуда зарурати ҳалли масъалаи илмии таҳқиқот, яъне муайян намудани асосҳои назариявию методологии истифодаи бозиҳои дидактикӣ, таҳияи низом ва технологияи татбиқи онҳо, инчунин асоснок ва ба таври таҷрибавӣ санҷидани шароитҳои педагогии истифодаи самараноки бозиҳои дидактикӣ дар раванди таълими забони англисиро ба миён меоранд.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:

Мутобиқи пешниҳоди диссертант Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ **навгонии илмии таҳқиқот** аз нуктаҳои зерин иборат аст:

– асосҳои назариявию методологии истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ мушаххас, ҷамъбаст ва ба низоми ягона дароварда шуда, қонуниятҳои истифодаи онҳо вобаста ба мақсад ва мазмуни таълим, зинаи таҳсил, хусусиятҳои синнусолӣ ва сатҳи омодагии забонии таълимгирандагон муайян карда шудаанд;

– таснифи низомманди бозиҳои дидактикӣ аз рӯйи мақсади дидактикӣ, ҷанбаҳои забонӣ, намудҳои фаъолияти нутқӣ, дараҷаи мустақилияти таълимгирандагон ва шаклҳои ташкили фаъолияти таълимӣ таҳия гардида, имконияти интихоби мақсаднок ва истифодаи марҳилавии онҳо дар раванди таълими забони англисӣ асоснок карда шудааст;

– механизми методии таъсири бозиҳои дидактикӣ ҳамчун гузариши пайдарпайи таълимгиранда аз азхудкунии маводи забонӣ ба амали забонӣ, аз амали забонӣ ба вазифаи бозигарона, аз вазифаи бозигарона ба амали нутқӣ ва аз амали нутқӣ ба ҳамкории муоширатӣ муайян ва асоснок карда шудааст, ки робитаи донишҳои забонӣ ва истифодаи амалии онҳоро дар фаъолияти муоширатӣ таъмин менамояд;

– низоми методии истифодаи бозиҳои дидактикӣ таҳия карда шудааст, ки ҷузъҳои мақсадӣ, мазмунӣ, ташкилию технологӣ ва натиҷавию арзёбиро дар сохтори ягона муттаҳид намуда, робитаи пайдарпайи мақсад, мазмун, интихоби бозӣ, фаъолияти омӯзгор ва таълимгиранда, татбиқ, назорат, бозхӯрд, рефлексия ва арзёбии натиҷаи таълимиро таъмин менамояд;

– технологияи татбиқи низоми методии пешниҳодшуда ҳамчун алгоритми марҳилавии фаъолияти педагогӣ таҳия гардида, тартиби ташхис, мақсадгузорӣ, интихоб ва мутобиқсозии бозӣ, омодасозӣ, ташкил ва гузаронидан, назорат, бозхӯрд, рефлексия ва арзёбии натиҷаҳоро фаро гирифта, маҷмуи бозиҳои забонӣ ва нутқӣ, вазъиятӣ ва нақшӣ ҳамчун воситаи амалисозии он ба низом дароварда шудааст;

– меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои арзёбӣ муайян гардида, самарандокии низоми методии пешниҳодшуда дар озмоиши педагогӣ бо иштироки 240 нафар донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ тавассути таҳлили миқдорӣ, сифатӣ ва оморӣ тасдиқ ва ҳудуди татбиқи натиҷаҳои он мушаххас карда шудааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Ба ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Бозии дидактикӣ дар таълими забони англисӣ маҳз дар он ҳолат вазифаи устувори педагогиро иҷро менамояд, ки агар он ҳамчун ҷузъи низоми методӣ бо мақсади мушаххаси забонӣ ё муоширатӣ тарҳрезӣ ва татбиқ гардад, зеро истифодаи тасодуфӣ ё танҳо фароғатии он самаранокии таълимро кафолат намедиҳад.

2. Самаранокии истифодаи бозиҳои дидактикӣ бо маҷмуи якчанд шароитҳои педагогӣ таъмин мегардад: мутобиқати бозӣ ба мақсад ва мазмуни дарс, хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродӣ, сатҳи омодагии забонӣ, афзоиши тадриҷии мураккабӣ, муҳити фаъоли муоширатӣ, бозхӯрд ва рефлексия.

3. Низоми методии истифодаи бозиҳои дидактикӣ аз ҷузъҳои мақсадӣ, мазмунӣ, ташкилию технологӣ ва натиҷавию арзёбӣ иборат буда, технология дар доираи он ҳамчун механизми амалисозии марҳилавии низом, яъне аз ташхис ва интихоб то татбиқ, назорат, бозхӯрд ва арзёбӣ, баррасӣ мешавад.

4. Механизми методии таъсири бозии дидактикӣ ба гузариши пайдарпайи таълимгиранда аз маводи забонӣ ва дарки меъёр ба амали забонӣ, вазифаи бозигарона, амали нутқӣ, ҳамкории муоширатӣ ва натиҷаи таълимӣ асос меёбад.

5. Тасниф ва интихоби мақсадноки бозиҳои фонетикӣ, луғавӣ, грамматикӣ, нутқию вазъиятӣ, нақшӣ ва эҷодӣ метавонанд вобаста ба вазифаи мушаххаси таълимӣ, зинаи таҳсил ва дараҷаи мустақилияти таълимгиранда дар омӯзиши забони англисӣ самаранок бошанд.

6. Натиҷаи методии бозиҳо аз ҳамгироии вазифаи дидактикӣ, маводи забонӣ, фаъолияти фаъоли таълимгиранда, ҳамкорӣ, бозхӯрд ва арзёбӣ ба вуҷуд меояд ва аз ин рӯ, бозиҳои дидактикӣ воситаи пайвастани донишҳои забонӣ бо фаъолияти нутқӣ мебошанд.

7. Тартиби ташхис, мақсадгузорӣ, интихоб ва мутобиқсозии бозӣ, омодасозӣ, ташкил ва гузаронидан, назорат, бозхӯрд, рефлексия ва арзёбии натиҷаҳоро фаро гирфта бошад, маҷмуи бозиҳои забонӣ ва нутқӣ, вазъиятӣ ва нақшӣ ҳамчун воситаи амалисозии он ба низом дароварда шавад.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:

Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар диссертатсия адабиёти илмии соҳаи методика, педагогика ва психологияро мавриди таҳқиқ қарор дода, моҳияти онҳоро дар соҳаи назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ ва механизми амалигардонии он дар нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ асоснок кардааст. Муаллиф қайд кардааст, ки бозиҳои дидактикӣ дар сурати интихоби мақсаднок ва истифодаи методии дуруст метавонанд муҳити таълимиро фаъолу ҷолиб гардонида, ба таҳкими салоҳиятҳои забониву муоширатии таълимгирандагон мусоидат намоянд.

Ҷиҳати арзишманди таҳқиқоти диссертатсионии Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар он аст, ки ӯ дар рисола масъалаи нақши бозиҳои дидактикиро дар таълими забони англисӣ ҳам аз таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ ва ҳам аз дидгоҳи олимони варзидаи ватанӣ омӯхта, барои исботи андешаҳои худ фикру мулоҳизаҳои хеле зиёду арзишмандро овардааст ва онҳоро ҳаматарафа таҳлил ва коркард намудааст.

Муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар интишороти зиёди расонаҳои соҳавӣ, дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод кардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ,

натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро ба таври равшан исбот месозад.

Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ корҳои таҳқиқотӣ-озмоишии худро дар давоми солҳои 2023–2026 амалӣ гардонида, корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар заминаи Донишгоҳи давлатии Данғара анҷом дода шудаанд.

Заминаи асосии озмоиши педагогиро маълумоти ташхисӣ ва натиҷаҳои фаъолияти 240 нафар донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ фаро гирифтанд. Коркарди омории натиҷаҳои озмоиш ба маълумоти гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ такя намуд. Муқаррароти назариявӣ, натиҷаҳои озмоишӣ ва хулосаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмию амалӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои илмии сатҳҳои гуногун пешниҳод ва баррасӣ шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчунин дар раванди таълими забони англисӣ татбиқ гардида, самаранокии низоми методии пешниҳодшуда тавассути озмоиши педагогӣ дар гурӯҳҳои донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ санҷида шудааст.

Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:

Натиҷаҳои таҳқиқот аз арзиши илмӣ, амалӣ ва навгонии илмии таҳқиқот бар меояд, ки муаллиф дар ин бора корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст.

Натиҷаҳои назариявии таҳқиқот метавонанд барои рушди минбаъдаи назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, бахусус дар самти истифодаи технологияҳои фаъол ва ҳамфаъоли таълим, заминаи илмӣ фароҳам оваранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар таҳия ва ба раванди таълим пешниҳод намудани низоми методӣ, технологияи марҳилавии татбиқи он, маҷмуи бозиҳои дидактикӣ ва тавсияҳои илмию методӣ ифода меёбад.

Маводи назариявию методии таҳияшуда метавонад бо мутобиқсозӣ ба мақсад, синну сол ва сатҳи омодагӣ аз ҷониби омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ истифода шавад. Қисми озмоишӣ ва воситаҳои ташхисӣ бевосита дар таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ санҷида шудаанд.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 22 интишороти илмӣ, аз ҷумла 17 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи ба феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда ва 5 мақола дар маҷмуаи маводи конференсияҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:

Диссертатсия ва автореферати Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ ба тартиби таҳия ва талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия ба таври мухтасар мазмуни диссертатсияро ифода карда, доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф тасаввуроти аниқро пайдо мекунад.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, асоснокии натиҷаҳои асосӣ, хулоса, муқаррароти таҳқиқоти озмоишӣ ва тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалу диаграммаҳо таъмин шудааст.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмои тоҷикӣ, тибқи муқаррароти Дастурамал, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории

қисмҳои алоҳидаи он, пайдарҳамии мантиқӣ ва мутасилии он ба пурраги риоя карда шудааст. Масъалаҳои баррасишаванда ба таври равшану возеҳ оид ба ҳар як боби диссертатсия дар алоҳидагӣ ва диссертатсия дар умум хулоса карда шудааст.

Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:

Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёд ва дастовардҳои илмию амалие, ки дар боло қайд шуданд, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо холӣ нест. Фикр мекунем, қайд кардани онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия мадад хоҳад расонд:

1. Дар қисмати мубрамии мавзуи диссертатсия, мақсаду вазифаҳои таълим ва бобҳои алоҳидаи диссертатсия муаллиф аҳамияти таълими забони англисӣ, истифодаи методу технологияҳои навини таълимро дуруст қайд кардааст, вале хуб мебуд, агар бештар доир ба нақши бозиҳои дидактиқӣ дар самаранокии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ ба таври мушаххас сухан мерафт.

2. Муаллифи диссертатсия доир ба барномаву китобҳои дарсӣ андеша рондааст, лекин агар мушаххас иброз менамуд, ки аз рӯйи кадом барномаву китобҳои дарсии муаллифони тоҷик дар Донишгоҳи Данғара таълим дода мешавад ва натиҷаҳои он дар кадом сатҳ қарор доранд, айни муддао мебуд.

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мавҷуд аст, ки ислоҳи онҳо сифати корро хубтар мекунад.

Албатта, ин камбудиҳо ва норасоиҳо арзиши диссертатсияро кам намекунанд.

ХУЛОСА

Довталаб ба мақсадҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ба пурраги ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст. Диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ

буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи "Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ)) пешниҳод гардидааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи забони
олмонии Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Сайфуллоев Хайрулло Ғайбуллоевич

Имзои Сайфуллоев Хайрулло Ғайбуллоевичро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода С. М.

Маълумот барои тамос: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони А. Рӯдакӣ, 121. Тел: +992 (37) 2244383; Email: tgpu@mail.ru. Сомона: www. tgpu.tj.

24.10.2026 с.